# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи доктории Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи «Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ)**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз дастёбӣ ба Истиқлолияти давлатӣ соҳаи маорифи кишвар самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ эълон гардида, бо мақсади ҷавобгӯ намудани ин соҳаи муҳимми иҷтимоӣ ислоҳоти соҳаи маориф тадриҷан амалӣ гардид. Вобаста ба ин, таҳқиқи масъалаҳои ислоҳоти соҳаи маориф дар замони Истиқлоли давлатӣ аҳаммияти илмӣ, арзиши баланди иҷтимоӣ, сиёсӣ ва амалӣ дорад.

Бояд қайд намуд, ки дар таърихнигории муосири ватанӣ масъалаҳои ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистон дар замони Истиқлол ба тарзи бояду шояд мавриди баррасӣ қарор дода нашудааст ва ин мубрамияти таҳқиқи мавзуи мазкурро тақвият медиҳад.

Дар баробари ин, таҳқиқи масъалаҳои ислоҳоти соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҷанбаҳои муҳимми таърихнигории муосири кишвар мебошад, ки моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дорад. Ин самти таҳқиқот ҳолати ислоҳоти соҳаи маорифро фаро гирифта, баррасии масоили мазкур яке аз масъалаҳои мубрами татбиқи стратегия, консепсия ва барномаҳои марбут ба сиёсати давлатии соҳаи мориф, таҳқиқи натиҷаҳои ислоҳоти низоми таълиму тарбия ва тайёр кардани кадрҳои ҷавобгӯ ба бозори меҳнат ва стандартҳои ҷаҳонӣ дар Тоҷикистони навин мебошад.

Дар замони вазъи мураккаби геосиёсӣ, шароити ҷаҳонишавӣ ва ҷаҳони зудтағйирёбандаи низоми иҷтимоию иқтисодӣ, соҳаи маориф омили муҳимми рушди захираҳои инсонии аҳли ҷомеа ва дар ин замина яке аз фишангҳои ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва таъмини рушди бемайлони давлату ҷомеа мебошад. Вобаста ба ин, дар замони Истиқлол дар натиҷаи қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф заминаҳои

ҳуқуқии соҳа тақвият ёфта, дар низоми маорифи кишвар дар тамоми зинаҳои таҳсилот аз муассисаҳои томактабӣ то таҳсилоти олии касбӣ тағйиротҳои муҳим ба амал омаданд, ки ҳамаи ин дар натиҷаи ислоҳоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардиданд.

Бо назардошти аҳаммияти ислоҳоти соҳаи маориф мавзуи диссертатсияи доктории Каримзода Мусо Бобишо ба масъалаи «Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)» бахшида шудааст.

Дар диссертатсия муаллиф мақсад, ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, ҳудуди хронологӣ, ҷуғрофӣ, пояҳои методологӣ ва сарчашмавии таҳқиқоти худро дуруст муайян карда, минбаъд дар раванди пажуҳиш онҳоро дар ҳамбастагии мантиқӣ, илмӣ, методологӣ дуруст ҳаллу фасл намудааст.

Ҳамзамон, навгонии илмии таҳқиқоти анҷомдодашуда дар он зоҳир меёбад, ки бори аввал дар таърихнигории ватанӣ дар шакли диссертатсияи илмӣ мавзуи «Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)» мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода шудааст. Бархе аз ҳуҷҷатҳои марбути ислоҳоти соҳаи маориф аз Бойгонии марказии давлатии кишвар бори аввал ба доираи таҳқиқот кашида шуда, дастраси аҳли илм ва умум гардидаанд. Ба муаллифи диссертатсия муяссар шудааст, ки дар пояи таҳлили маводи ҷамъоваришуда баъзе масъалаҳои камтаҳқиқшудаи раванди ислоҳоти соҳаи маорифро мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Саҳми шахсии диссертант дар таҳқику омӯзиш ва натиҷагирӣ аз мавзуи таҳқиқот аз он иборат аст, ки аз ҷониби муаллиф ҳангоми баррасии диссертатсия вобаста ба асосноккунии назариявию методологии кор, тафсири мафҳумҳои асосӣ, татбиқи натиҷаҳои ислоҳоти соҳаи маориф ва рушди ин соҳаи муҳим дар Тоҷикистони соҳибистиқлол тавсияҳо пешниҳод карда шудаанд. Раванди таҳқиқот оид

ба татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот омода шуда, оид ба натиҷаи онҳо хулосаҳои зарурӣ баровarда шудаанд.

Дар навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дараҷаи омӯзиши ислоҳоти соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар адабиёти илмӣ муайян гардида, масъалаҳои соҳаи маориф дар асарҳо ва паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, ҳамзамон хусусиятҳои хоси муассисаҳои таълимӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот дар замони Истиқлоли давлатӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар баробари ин, дар рисолаи докторӣ рушди муассисаҳои томактабии ғайридавлатӣ мушаххас шуда, вазъи муассисаҳои миёнаи умумӣ дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф таҳлил гардида, сифати таълим ва таъмини кадрии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоию миёнаи касбӣ дар равияҳои омӯзгорӣ, тиббӣ, техникӣ, технологӣ, кишоварзӣ, фарҳанг, ҳуқуқ ва варзиш дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф, раванди ислоҳоти фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси ҷавобгӯ ба бозори меҳнат дар Тоҷикистони соҳибистиқлол мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Сохтори диссертатсия, тарзу услуби таҳия ва баёни мантиқии мавод ба талабот ва меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба таълифи диссертатсияҳо ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи тақризшаванда аз лиҳози мазмун, муҳтаво ва сохтори худ аз муқаддима, панҷ боб, ёздаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалӣ, рӯйихати адабиёти истифодашуда (347 номгӯй) иборат аст. Диссертатсияи докторӣ дар ҳаҷми 370 саҳифаи матни компютерӣ таълиф шуда, сохтори он ба мақсад ва вазифаҳои муайяншудаи рисолаи докторӣ мутобиқ аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия муаллиф мубрамият ва арзиши илмии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши он, мақсад ва вазифаҳои дар назди худ гузошташуда, асосҳои методологӣ, пояи сарчашмавии

диссертатсияро муайян ва мушаххас намуда, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми шахсии унвонҷӯй барои ба даст овардани натиҷаҳо, ҳамзамон аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот шарҳу тавсиф намудааст.

Аҳаммияти амалии мавзуи мавриди таҳқиқ ҳамчунин дар он зоҳир мегардад, ки дар раванди ислоҳоти соҳаи маориф шаклҳои нави муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла, муассисаҳои таҳсилотии ғайридавлатӣ: литсейҳо, гимназияҳо, мактабҳои дигари хусусӣ ба вуҷуд омада, низоми таълими салоҳиятнокӣ ва низоми кредитии таҳсилот ба роҳ монда шуд, ки ин равандҳо мазмуну мундариҷаи таълим, сифати таҳсилот, усулҳои идоракунии низоми маориф ва дар тайёр кардани кадрҳои соҳа дигаргуниҳои назаррас ба амал омаданд.

Дар муқаддима муҳиммияти мавзуъ асоснок кардашуда, сатҳи омӯзиши он, мақсад, вазифаҳо, объект ва заминаҳои методологӣ, меъёрӣ, навгонии илмӣ, арзиши амалии диссертатсия, ҳамзамон саҳми шахсии довталаб, сохтор ва ҳаҷми рисола муайян гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия ба масъалаҳои таҳлили таърихнигории ислоҳоти соҳаи маориф дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ бахшида шудааст. Дар зербоби якуми он «Инъикоси таърихии ислоҳоти соҳаи маориф дар адабиёти илмӣ» асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки дар ин самт таҳқиқот анҷом додаанд, таҳлил гардидаанд. Ҳамзамон, дар зербоби дуюми боби аввали диссертатсия масъалаҳои ислоҳоти соҳаи маориф ва рушди он дар суханрониҳо, асарҳо ва паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, саҳми арзандаи Сарвари давлат баҳри рушди соҳаи маориф мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Боби дуюми диссертатсия «Фаъолияти муассисаҳои томактабӣ дар шароити нави иқтисодию иҷтимоӣ» номгузорӣ гардида, дар зербоби якуми он хусусиятҳои хоси муассисаҳои томактабии давлатӣ дар замони Истиқлол баррасӣ гардидааст. Дар зербоби дуюми боби дуюм бошад,

масъалаҳои ташаккул ва рушди муассисаҳои томактабии ғайридавлатӣ, мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Диссертант қайд менамояд, ки моҳи марти соли 1993 Маҷоми олии намояндагӣ ва қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон «Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак»-ро тасдиқ намуда, то имрӯз дар татбиқи он саҳми муносиб гузоштааст. Ҳамзамон, бояд илова намуд, ки бо мақсади татбиқи муқаррароти Конвенсияи мазкур дар кишварамон “Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак» таъсис дода шудааст.

Дар боби сеюм диссертатсия «Гузариш ба низоми нав дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» масъалаҳои мубрами муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф таҳқиқ шуда, ба чанд масъалаҳои муҳимми ин зинаи таҳсилот бештар таваҷҷуҳ дода шудааст. Аз ҷумла, дар зербоби якуми боби сеюми диссертатсия қайд карда шудааст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи маориф ҳамчун соҳаи калидӣ аҳаммияти хоса дода, маблағгузории ин бахши муҳимми иҷтимоиро тадриҷан афзоиш доданд.

Дар зербоби дуюми боби сеюм «Таъсис ва фаъолияти муассисаҳои хусусӣ, литсейҳо ва гимназияҳо», фаъолияти муассисаҳои хусусӣ, литсейҳо ва гимназияҳо мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар ин зербоб, дар асоси таҳқиқоти гузарондашуда ба ғайр аз дастовардҳо, камбудиҳо низ зикр шудаанд, ки яке аз вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ ошкор намудани камбудиҳо ва нишон додани роҳи ҳалли онҳо мебошад.

Дар зербоби сеюми боби сеюм «Арзёбии хусусиятҳои хоси низоми таълими салоҳиятнокӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», мафҳум ва зарурияти таълими салоҳиятнокӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст, ки яке аз шаклҳои нави раванди таҳсилот дар Тоҷикистон мейошад.

Боби чоруми диссертатсия «Фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф»

номгузорӣ шуда, дар дар зербоби якуми «Муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар замони Истиқлол» раванди мушкилот, пешравӣ ва дастовардҳои низоми таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар зербоби дуюми ин боб «Сифати таълим ва таъмини кадрии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоию миёнаи касбӣ дар равияҳои омӯзгорӣ, тиббӣ, техникӣ, технологӣ, кишоварзӣ, фарҳанг, ҳуқуқ ва варзиш дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф», мушкилоти ҷойдошта дар равияҳои мазкур таҳлил гардида, роҳи ҳалли онҳо муайян ва пешниҳод шудааст.

Дар боби панҷуми рисолаи илмӣ ки «Низоми фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф» унвон гирифтааст, тарзи ташкили раванди таҳсил баррасӣ гардидааст. Дар зербоби якуми ин боб раванди ислоҳоти фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисос дар Тоҷикистони соҳибистиқлол мавриди омӯзиш қарор дода шуда, доир ба муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар мисолҳои дақиқи оморӣ ва бойгонӣ инъикос гардидааст.

Дар зербоби дуюми ин боб «Ташаккул ва рушди низоми кредитии таҳсилот», заминаҳои ба вуҷуд омадан ва рушди низоми кредитии таҳсилот дар соҳаи маорифи ҷумҳурӣ, ки низоми нави раванди таҳсилот дар кишвари мо маҳсуб мегардад, мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Ҳамзамон, дар зербоби дуюми боби панҷуми диссертатсия қайд гардидааст, ки дар шароити муосир бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон барои самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ эълон гардидани соҳаи маориф, беҳтар гардидани сифати таълим дар тамоми зинаҳои таҳсилот, тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси ҷавобгӯ ба бозори меҳнат, воридшавӣ ба фазои ягонаи низоми таҳсилоти ҷаҳонӣ чораҳои зарурӣ андешида шуданд.

Яке аз бартариҳои диссертатсия дар он аст, ки дар матни он 49 ҷадвали марбут ба омори зинаҳои мухталифи низоми таҳсил ва 15

диаграммаи дастовардҳои соҳа, таъмини ашёи хониш ва ғайра инъикос гардида, дар онҳо масъалаҳои мубрами марбут ба мавзуи таҳқиқшаванда бо арқому далелҳо инъикос гардидааст.

Дар хулосаи диссертатсия андешаҳои ҷамъбастӣ нисбати мавзуъ оварда шуда, пешниҳодҳои муаллиф ба асосноккунии маводи назариявӣ асос ёфтааст. Ҳамзамон, дар таҳлилу баррасии мавзуи мазкур аз сарчашма ва адабиёти гуногуни муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ва маводи интернетӣ истифода гардидааст.

Сохтори рисолаи диссертатсионӣ комил ва илмӣ буда, аз шиносой бо рисолаи докторӣ бармеояд, ки муҳаққиқ дар тӯли заҳмати чандсолааш маводи фаровони илмиро оид ба масъалаҳои ислоҳоти соҳаи маориф дар замони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъоварӣ намуда, онҳоро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Рисолаи доктории Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи «Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)» барои муҳаққиқони риштаи таърихнигорӣ, таърихи ислоҳоти соҳаи маорифи кишвар ва рушди низоми маориф як сарчашмаи муътамади илмӣ ба ҳисоб меравад.

Дар маҷмуъ дар диссертатсия таҳқиқи тамоми масъалаҳои марбут ба ташаккул ва рушди муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷкистон дар замони Истиқлоли давлатӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Вобаста ба ин, аҳаммияти илмию амалии рисола дар он аст, ки саҳифаҳои норавшани масъалаҳои ислоҳоти муассисаҳои таълимии тамоми зинаҳои таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷкистон таҳқиқ ва ҷамъбаст гардидааст.

Хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи мазкурро метавон, дар навбати аввал, ҳамчун манбаи илмӣ ва таҳқиқ ҳангоми пажуҳиши масоиле, ки бо давраи таҳқиқшавандаи соҳаи маориф алоқаманд мебошанд, истифода намуд. Ба ғайр аз ин, онҳоро ҳангоми тартиб додани барномаҳо ва такмили адабиёти таълимии таърихи халқи тоҷик, ҳамчунин натиҷаҳо ва

тавсияҳои амалии диссертатсияро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар дар таълими фанни таърихи муосири Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст.

Дар хулосаҳои муаллиф раванди ислоҳоти соҳаи маориф дар тамоми зинаҳои таҳсилот дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2021), ки ҷузъи таърихи навини мардуми тоҷик мебошад, таҳқиқ ва ҷамъбаст карда шудаанд. Ҳамзамон, дар таҳқиқоти анҷомдодашуда натиҷаҳои ислоҳоти низоми маориф ва раванди таҳсил дар муасисаҳои таълимӣ дар замони Истиқлол ба таври дақиқ ва ҳаматарафа ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Аз шиносоӣ бо рисолаи доктории диссертант бармеояд, ки муҳаққиқ дар тӯли заҳмати чандсолааш маводи фаровони илмиро оид ба таърихи ташаккул ва рушди ислоҳоти соҳаи морифи Ҷумҳурии Тоҷкистон (1991-2021) ҷамъоварӣ намуда, онҳоро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар диссертатсия дар баробари комёбиҳо баъзе камбудиву нуқсонҳои зерин ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо дар оянда ҳангоми нашри монография ба манфиати такмили минбаъдаи матн ва муҳтавои он мебошад:

1. Дар мундариҷа ва саҳифаи 4 - номгӯйи ихтисораҳо ва ё аломатҳои шартӣ навишта шудааст, ки навиштани ибораи “ва ё аломатҳои шартӣ” зарурат надорад. Ҳамзамон, дар номгӯйи ихтисораҳо ихтсораҳои ОКТ-омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ (саҳ.205) ва БТНВ (Бойгонии таърихи навини Тоҷикистон) шарҳу эзоҳ дода нашудааст. Дар баробари ин, дар Рӯйхати адабиёт (саҳ.334) калимаи истифодашуда намерасад, ҳамзамон дар саҳифаи 346 калимаи “Маводди” намерасад ва бойгониҳо навишта мешуд шудааст, аммо дар рӯйхат ҳамагӣ як бойгонӣ аст.
2. Мавзуи интихобшудаи рисолаи докторӣ хеле васеъ аст, аз ин рӯ хуб мешуд, ки муаллифи диссертатсия ҳангоми таҳияи Нақшаи рисолаи

докторӣ, ҷанбаҳои ислоҳоти яке аз зинаҳои таҳсилотро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба асос гирифта, онро мавриди пажуҳиши амиқ қарор медод.

3. Дар саҳифаҳои 51, 52, 53, 54, 61, 122, 129, факту рақамҳои зиёд навишта шудааст, вале бояд сарчашамаи истифодашуда дар қавсайн ҳамчун иқтибос нишон дода мешуданд.
4. Дар ҷадвали №1 (саҳ. 42-43) Номгӯйи қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳукукии соҳаи маориф инъикос гардидааст, вале дар баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа хатоҳои имлоӣ, грамматикӣ ва техникӣ дида мешавад.
5. Дар рисолаи докторӣ дар саҳифаҳои 32, 35, 38, 42, 45, 50, 73, 78, 152, 203, 205, 320, 334 ва ҳамзамон, дар рӯйхати интишороти муаллиф (саҳ. 367-371) аз ҷумла, дар бандҳои [4-М], [8-М], [9-М], [10-М], [12-М], [17-М], [19-М], [20-М], [21-М], [30-М], [31-М], [35-М] хатоҳои имлоӣ, грамматикӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳ ва таҳрири онҳо дар оянда, ҳангоми таҳияи "Ғалатнома" ва нашри монография ба манфиати кор мебошад.

Новобаста ба баъзе камбудиҳои ҷузъӣ метавон чунин қайд намуд, ки муаллиф аз уҳдаи ҳаллу фасли вазифа, ҳадаф ва мақсади дар назди худ гузошта баромадааст ва диссертатсияи тақризшаванда таҳқиқоти бaанҷомрасида мебошад.

Дар маҷмуъ рисолаи докторӣ барои муҳаққиқони риштаи таърихнигорӣ, таърихи ислоҳоти соҳаи маорифи кишвар як сарчашмаи муътамади илмӣ ба ҳисоб рафта, дар он ислоҳоти соҳаи маориф дар тамоми зинаҳои муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2021) таҳқиқ ва ҷамъбаст карда шудааст.

Дар асоси андешаҳо ва мулоҳизаҳои дар боло зикршуда метавон чунин хулоса намуд, ки диссертатсияи унвонҷӯй Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи «Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021» ҳамчун таҳқиқоти мустақилона ва аз лиҳози

мантиқӣ бaанҷомрасида ба талабот ва меъёрҳои муқаррарнамудаи бандҳои 31, 33, 34, 35, 37 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳояш аз 26-уми июни соли 2024, №295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Фишурдаи рисолаи докторӣ (автореферат) ва интишороти муаллиф муҳтавои асосии рисоларо инъикос намуда, ба стандартҳое, ки нисбат ба рисолаҳои илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих татбиқ мешаванд, мувофиқат мекунад ва муаллифи рисолаи диссертатсионии докторӣ Каримзода Мусо Бобишо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. – Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. – Таърихи ватанӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:** сарходими илмии Пажуҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
д.и.т., и.в. профессор Б.П. Ализода

Имзои Б.П. Ализода-ро **тасдиқ мекунам.**
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.п. Насурдинзода А.Н
«11» 06 соли 2026

Нишонӣ: 734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33
Тел.: (+992) 918 18 97 26;
E-mail: b.p.alizoda63@mail.ru